Norwegian Ministry of Foreign Affairs

КМПА Казахстанская Ассоциация по половому и репродуктивному здоровью (КМПА)

IOM UN MIGRATION

## Тартиби гирифтани ёрии тиббӣ барои хориҷиён

1. Аз ҶС «Ҳукумат барои шаҳрвандон» (МХА) РЯМ гиред.
2. Бастани шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (СИТ) бо ширкати суғуртаи хусусӣ ё шартномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ (СҲТ) барои кӯмаки аввалияи тиббӣ ва ёрии таъҷилии беморхонавӣ.
3. Бидуни ба расмият даровардани СИТ ё СҲТ тибқи Кодекси меҳнати ҶҚ бо хориҷиён **шартномаи меҳнатӣ баста намешавад**.
4. Муассисаи тиббиро (КАТС) интихоб намоед, ки дар он ҷо хизматрасониро гирифтан мехоҳед.
5. Барои вобаста шудан ба ташкилоти КАТС дар ҷои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ барои расонидани ёрии тиббӣ дар доираи ҳаҷми кафолатноки кӯмаки тиббии ройгон (ҲККТР) хизматрасонии давлатии «Вобаста кардан ба ташкилоти тиббие, ки кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ мерасонад» тавассути портали https://egov.kz ҳангоми мавҷуд будани имзои электронии рақамӣ (ИЭР) амалӣ карда мешавад.
6. Дар сурати бевосита муроҷиат кардан ба хизматрасонии давлатӣ метавонед дар шакли хаттӣ ба номи роҳбари якуми ташкилоти клиникӣ бо пешниҳоди СИТ аризаро дар шакли озод бо забони русӣ ё қазоқӣ ва нишон додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шиноснома) пешниҳод намоед.
7. Мутахассисони ташкилоти КАТС дархостро барои вобаста кардан ба низоми иттилоотии «Феҳрасти аҳолии вобасташуда» пур мекунанд.
8. Хизматрасонии давлатии «Вобастакунӣ ба ташкилоти тиббие, ки ёрии аввалияи тиббию санитарӣ мерасонад» аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар давоми 1 (як) рӯзи кори пешниҳод карда мешавад.
9. Натиҷаи пешниҳоди хизмати давлатӣ огоҳнома дар бораи вобаста шудан ё радномаи асоснок дар шакли ҳуҷҷати электронӣ дар “Утоқи шахсӣ” дар портали https://egov.kz мебошад, агар Шумо аз портал ё талони вобастакуниро ба ташкилоти тиббӣ/радномаи асоснок, ки аз ҷониби корманди бақайдгирандаи муассисаи тиббӣ дода мешавад, агар шумо шахсан ба КАТС муроҷиат карда бошед.
10. Вобастакунӣ ба ташкилоти КАТС ба мӯҳлати амали шартномаи СИТ ва ё СТҲ ба амалӣ мешавад.
11. Вобастакунии аъзои оила бо розигии хаттии онҳо аз ҷониби яке аз аъзоёни оила дар асоси аризаи озод бо забони қазоқӣ ё русӣ ҳангоми пешниҳоди шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ё ҳуҷҷати электронӣ аз хадамоти ҳуҷҷатҳои рақамӣ (барои мушаххасгардонӣ)-и ҳар як аъзои оила амалӣ мешавад.
12. Вобастакунии кӯдаки синнаш то ҳаждаҳсола дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ё ҳуҷҷати электронии хадамоти ҳуҷҷатҳои рақамӣ (барои мушаххасгардонӣ)-и шахси вобасташаванда ва намояндаи қонунии амалӣ мешавад.

Проект МОМ "Защита уязвимых мигрантов с особым акцентом на расширение прав и возможностей женщин в контексте миграции в Центральной Азии", при поддержке Министерства иностранных дел Норвегии.

**Номгӯи бемориҳое, ки барои атрофиён хатар доранд, ки ҳангоми он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки муваққатан дар Ҷумҳурии Қазоқистон қарор доранд, паноҳҷӯён тибқи фармони Вазири тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон ба гирифтани ҳаҷми кафолатноки ёрии тиббии ройгони Ҷумҳурии Қазоқистон аз 9 октябри соли 2020 № 121/ 2020 ҳуқуқ доранд**

| № | Номи беморӣ |
|---|---|
| 1. | Гулӯзиндонак |
| 2. | Сурхакон |
| 3. | Гулафшон |
| 4. | Кузоз |
| 5. | Махмалак |
| 6. | Нағзак |
| 7. | Паротити эпидемикӣ |
| 8. | Паратифҳои A, B, C |
| 9. | Полиомиелит |
| 10. | Сирояти менингококкӣ |
| 11. | Вабо |
| 12. | Домана |
| 13. | Бемории сил (сили шуш бо ихроҷи бактериявӣ то ба даст омадани табдили дукаратаи балғами луоб оиди мавҷудияти микобактерияи сил; шаклҳои шадиди инкишофёбандаи сил (менингит, сили милиарӣ) то дучор шудан ба ҳолате, ки ба ҳаёти бемор таҳдид намекунад ва табдили дукаратаи балғамм луоб оиди мавҷудияти микобактерияи сил) |
| 14. | Вайроншавии ҳолати рӯҳӣ, вайроншавии рафтор (беморӣ) |
| 15. | Бемории сӯхтании шуш |
| 16. | Тоун |
| 17. | Табларзаи ҳеморагии сироятӣ |
| 18. | Табларза |
| 19. | Гепатити сироятии A, E |
| 20. | Вараҷа |
| 21. | Зукоми инсон, ки бо сабаби навъи нави вирус сар задааст |
| 22. | Бемории вазнини шадиди роҳи нафас (БВШРН) |
| 23. | Бемории короновирус |

**Ҳаҷми ёрии тиббие, ки дар он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон муваққатан қарор доранд, паноҳҷӯён ба гирифтани ҳаҷми кафолатноки ёрии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд**

| № | Номи хизматрасонии тиббӣ | Миқдори кӯмаки тиббӣ |
|---|---|---|
| **Қабули машваратӣ** | | |
| 1 | Духтури бемориҳои дарунӣ | 2 маротиба дар як сол |
| 2 | Педиатр | 1 маротиба дар як сол |
| 4 | Хирург | 1 маротиба дар як сол |
| 5 | Сироятшинос | 1 маротиба дар як сол |
| 6 | Духтури чашм | 1 маротиба дар як сол |
| 7 | Гастроэнтеролог | 1 маротиба дар як сол |
| 8 | Оториноларинголог | 1 маротиба дар як сол |
| 9 | Пулмонолог | 1 маротиба дар 6 моҳ |
| 10 | Писхиатр | 1 маротиба дар 6 моҳ |
| 11 | Рентгенолог (2 хониши рентгенограмма) | 1 маротиба дар 6 моҳ |
| **Ташхиси лабораторӣ** | | |
| 12 | Муайян кардани холестрини умумӣ дар зардоб тариқи усули экспресс | 1 маротиба дар як сол |
| 13 | Муайян кардани глюкоза дар зардоби ъун тариқи усули экспресс | 1 маротиба дар як сол |
| 14 | Таҳлили умумии хун дар таҳлилкунанда бо тақсимкунӣ ба 3 синфи ҳуҷайраҳо | 1 маротиба дар як сол |
| 15 | Таҳлили умумии клиникии пешоб (таҳлили умумии пешоб) бо усули дастӣ | 1 маротиба дар як сол |
| 16 | Бактериоскопияи луоб барои БС тариқи дастӣ | 1 маротиба дар як сол |
| **Ташхиси ултрасадоӣ ва рентгенӣ** | | |
| 17 | Ташхиси ултрасадоии маҷмӯавӣ (ҷигар, талхадон, ғадуди зери меъда, испурҷ, гурдаҳо) | 1 маротиба дар як сол |
| 18 | Рентгенографияи узвҳои сандуқи сина (1 намо) | 1 маротиба дар 6 моҳ |
| 19 | Электроэнсефалография | 1 маротиба дар як сол |

Проект МОМ "Защита уязвимых мигрантов с особым акцентом на расширение прав и возможностей женщин в контексте миграции в Центральной Азии", при поддержке Министерства иностранных дел Норвегии.